## СУРАТМАҶЛИСИ № 106
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018

30 декабри  соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар

Раиси шуро: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравад.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарофзода Р.Ш. ва аъзои комиссия Диноршоҳ А.М., Назаров А.Қ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзуи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**Муҳаммадиев Изатулло Сайфуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири калони муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 30 марти соли 2026 соати 11:00 таъин карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест

Қарор **якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.